ТАСДИҚ МЕКУНАМ:
Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, профессор
Хушвахтзода Қ. Х.
________________
«14» 09 ________ 2023

**Тақризи муассисаи пешбар ба диссертатсияи номзадии Муминова Сафарбегим Бахриевна дар мавзуи «Лексикаи лаҳҷаи тоҷикзабонони водии Вахон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология, аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ.**

**Мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба ихтисос ё соҳаи илм.** Диссертатсияи Муминова Сафарбегим Баҳриевна дар мавзуи **«Лексикаи лаҳҷаи тоҷикзабонони водии Вахон»** ба доираи мавзуъ ва масъалаҳои таҳқиқии шиносномаи ихтисоси 10. 02. 01. – Забони тоҷикӣ мутобиқат мекунад.

**Саҳми шахсии довталаб дар ҳалли масъалаи илмӣ ё коркарди проблемаи илмӣ бо арзёбии аҳаммияти он.** Сохтори умумии кор, аҳаммият ва зарурати баргузории таҳқиқ, дараҷаи омӯзиши он, ҳадаф ва вазифаҳои асосии масъалаҳои асосии баррасишаванда, мавзуъ, масъалаҳо ва соҳаи таҳқиқ, навгониҳои пажӯҳиш, аҳаммияти назариявию амалии он, инчунин нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда ва хулосаву натиҷагириҳои муаллиф саҳм ва нуктаи назари ӯро нисбат ба мавзуи пажӯҳиш инъикос мекунанд. Саҳми фардии унвонҷӯ, ҳамчунин, дар омӯзиши назарияҳои муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ дар робита ба мавзуи баҳси диссертатсия, таҳлилу таҷзия, таҳияи мақолаву маърузаҳо роҷеъ ба масъалаҳои таҳқиқотӣ ифода мегардад. Муносибати методологии унвонҷӯ нисбат ба мавзуи мавриди пажӯҳиш нишондиҳандаи шахсии ӯ дар таҳлилу таҳқиқи мавзуъ ба ҳисоб рафта, барои ҳалли боарзиш ва судманди илмии ин масъала заминаи муфид фароҳам овардааст. Диссертант дар таҳияи равиши илмии масъалаҳои дар диссертатсия пешниҳоднамуда корбурди усулҳои синхронӣ, таҳлили

маводи гӯйишӣ, таҳлили сохторӣ, сайри таърихии маводи гӯйишӣ, инчунин, дар мавридҳои муносиб усулҳои тавсифӣ, муқоисавӣ-таърихӣ ва усули омориро мавриди истифода қарор додааст.

Дар бахши дараҷаи омӯзиши мавзуъ доираи омӯзиши вожагони гӯйишӣ дар забоншиносии тоҷикро бо як низоми муайян овардани унвонҷӯ далели он аст, ки ӯ барои ворид гардидан ба масъалаҳои пешгузоштаи хеш ба сарчашмаҳои илмии зиёде ошноӣ пайдо намудааст. Бо вуҷуди ин, диссертант қайд кардааст, ки бо назардошти корҳои илмии зиёд роҷеъ ба ин масъала вожагони гӯйиши тоҷикзабонони водии Вахон аз дидгоҳи забоншиносӣ ба таври мукаммал омӯхта нашудааст, аз ин рӯ, Муминова Сафарбегим таҳлил ва таҳқиқи мавзуи мазкурро муҳимму боарзиш ва судманду саривақтӣ меҳисобад.

Ҳадафи муҳаққиқ аз пажӯҳиши мавзуъ аз он иборат аст, ки тасвири синхронии лексикаи лаҳҷаи тоҷикзабонони водии Вахонро, ки миёни гӯйишҳои тоҷикии Бадахшони Тоҷикистон ва Бадахшони Афғонистон доман паҳн карда, хусусияти гузарандагӣ касб кардааст, дар муқоиса ба лаҳҷаҳои ҳамгурӯҳи он (ишкошимӣ, ғоронӣ ва мунҷонӣ) як гӯйиши хоси тоҷикӣ маҳсуб меёбад, то ҳадди имкон муайян созад.

Муҳаққиқ вазифаҳои дар назди худ гузоштаро ҳангоми баррасии мавзуъ муайян намуда, мақсадашро дар 12 банд ишора кардааст.

Роҷеъ ба асосҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқ Муминова Сафарбегим ҳангоми пажӯҳиши мавзуъ ба пажӯҳишҳои забоншиносон, бавижа лаҳҷашиносони шинохта, аз ҷумла В.С. Расторгуева, Р.Ғаффоров, Ғ.Ҷӯраев, А.З. Розенфелд, М. Эшниёзов, Ш.Исмоилов, С.Раҳматуллозода, Н. Гадоев, Ҷ. ва дигарон такя намудааст.

Нуктаҳои муҳимми ба ҳимоя пешниҳодшавандаро унвонҷӯ муайян намуда, дар доираи 6 банд ба таври мушаххас овардааст.

**Натиҷаҳои мушаххаси илмӣ, ки барои он ба довталаб додани дараҷаи илмии дархостшаванда мумкин аст.** Дар доираи мавзуи мазкур як

қатор мақолаҳои муҳаққиқ ба нашр расидаанд, ки дар оянда аз онҳо пажӯҳишгарони дигар метавонанд баҳрабардорӣ кунанд.

**Навгонии илмии таҳқиқ.** Бори нахуст лексикаи лаҳҷаи тоҷикзабонони водии Вахон ба сифати мавзуи алоҳида ба таври системавӣ ва ба сурати таҳқиқи монографӣ бар пояи дастовардҳои забоншиносии муосир таҳлилу таҳқиқ шуда, маводи лаҳҷавии он бо забони адабӣ ва лаҳҷаҳои ҳамгурӯҳ мавриди муқоиса қарор гирифта, дар шакли диссертатсияи алоҳидаи номзадӣ алоқамандона бо ҷанбаҳои услубиву хусусиятҳои сохториашон ба риштаи пажӯҳиш кашида шудаанд. Дар диссертатсия, инчунин, бори нахуст ҳудуди интишори калимаҳои марбут ба гӯйишҳои тоҷикии деҳоти водии Вахон ва таъсири омилҳои забонӣ ва фарозабонӣ (экстралингвистӣ) дар таҳаввули диалектологии он муайян гардида, дар асоси пажӯҳишҳои муҳаққиқони қаблӣ ва муосир таҳлилу таҳқиқ гардидаанд.

**Аҳаммияти назарӣ ва амалии таҳқиқ.** Баррасии лексикаи лаҳҷаи тоҷикзабонони водии Вахон барои муайян кардани робитаи он бо лаҳҷаҳои ҳамгурӯҳ ва дигар гӯйишҳои дуру наздик, ки дар ҳавзаҳои гуногуни ҷуғрофии Тоҷикистон ва берун аз он воқеанд, имконият фароҳам оварда, дар омӯзиш ва пажӯҳиши ҳаматарафаи он назарияи соҳаи шевашиносиро метавонад такмил диҳад.

Ҳамчунин, натиҷаҳои пажӯҳиш метавонанд дар рафти таълими шеваҳои забони тоҷикӣ, семинарҳои махсуси мактабҳои олии кишварамон ва таҳияи фарҳангҳои соҳавӣ, ба вижа шевагӣ (гӯйишӣ, диалектологӣ) ва луғати гӯйиши тоҷикзабонони водии Вахон истифода шаванд. Илова бар ин, маводи пажӯҳиш барои навиштани дастуру китобҳои дарсии ба соҳаи шевашиносӣ бахшидашуда нақши муҳим судманд дорад.

Диссертатсия аз ихтисораҳо, муқаддима, се боб, хулоса, рӯйхати адабиёт иборат буда, фарогири 179 саҳифаи чопи компютерӣ аст.

Муқаддимаи диссертатсия аз мубрамии мавзуъ, дараҷаи пажӯҳиш ба масъалаҳои мавзуъ иртиботдошта, ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқ, асосҳои назариву методологии мавзуъ, навгонӣ, инчунин, аҳаммияти назарӣ ва

амалии пажӯҳиш иборат буда, роҷеъ ба нуктаҳои номбурда маълумот ироа гардидааст.

Боби якуми диссертатсия «Таркиби луғавии лаҳҷаи тоҷикзабонони водии Вахон» номгузорӣ шуда, аз 3 фасл иборат мебошад. Дар ин боб ва фаслҳои он калимаҳои умумитоҷикӣ, диалектизмҳои лексикӣ, диалектизмҳои лексикии нопурра ва пурра, пурраи мухолиф, пурраи ғайримухолиф ва субстратҳо дар гӯйиши мазкур мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

Фасли якуми боби якум «Калимаҳои умумитоҷикӣ» ном дорад, ки дар он калимаҳои умумитоҷикии лаҳҷаи мазкур ба тариқи зайл тақсимбандӣ гардидаанд: 1) калимаҳое, ки бе тағйироти шаклу маъно истифода мешаванд; 2) калимаҳое, ки ба тағйироти овозӣ дучор омадаанд. Дар фасли дуюм – “Диалектизмҳои лексикӣ”, қаблан оид ба мафҳуми истилоҳи “диалектизм” ва “диалектизми лексикӣ” тибқи маълумотҳои шевашиносони рус ва тоҷик баҳс ороста, гунаи “калимаҳои хоси шева” қобили қабул буданашро собит мекунад ва маводи гирдовардаашро дар ҳамин асос таҳлил мекунад.

Дар фасли сеюм бозмондаи унсурҳои қадимаи забони тоҷикӣ дар гӯйиши мазкур мавриди баррасӣ қарор гирифтааст ва барои исботи андешаи худ диссертанти мисолҳои фаровон овардааст, ки хеле ҷолиб аст.

Унвони боби дуюми диссертатсия «Таснифоти маъноиву мавзуии лексикаи лаҳҷаи тоҷикзабонои водии Вахон» буда, аз маълумоти муқаддимавӣ ва ду фаслу чандин зерфасл иборат аст. Дар фаслҳои ин боб вожагони лаҳҷаи мазкур аз нигоҳи таснифоти мавзуӣ ба чандин зергурӯҳ тақсим гардида, шаклгирии вожагони лаҳҷавии ҳар гурӯҳ вобаста ба сохтору муҳтавояшон таҳқиқ гардидаанд. Чунончи, дар ин боб унсурҳои луғавие, амсоли номи парандагон, номи ҳашарот, хазандаҳо, газандаҳо, калимаю истилоҳоти ифодагари матоъ, сару либос ва пойафзору каллапӯш, соҳаи кишоварзӣ, рӯзгордорӣ ва амсоли инҳо, ки самтҳои гуногуни рӯзгордориву хоҷагидориро фаро мегирад, мавриди таҳлил қарор гирифтаанд.

Боби сеюми диссертатсия «Калимаҳои иқтибосӣ дар лаҳҷаи тоҷикзабонони водии Вахон» ном дошта, аз 7 фасл ва зерфаслҳои зиёде

иборат аст. Дар ин қисмати диссертатсия роҳҳои ҳазмшавии фонетикӣ, грамматикӣ ва лексикии калимаҳои иқтибосии арабӣ, туркӣ-муғулӣ, русӣ-аврупоӣ, таҳқиқи вазъи овозӣ, маъноӣ ва грамматикии унсурҳои арабӣ дар муҳити лаҳҷаи тоҷикзабонони водии Вахон ба риштаи таҳқиқ кашида шудааст.

Ҳар як боби диссертатсия бо хулосаҳои мушаххаси диссертант ҷамъбаст ёфтааст ва натиҷагириҳо гувоҳи онанд, ки масъалаҳои дар диссертатсия матраҳгардида ҳаддалимкон ҳалли худро пайдо кардаанд.

Хулосаҳои таҳқиқро унвонҷӯ дар 13 банд ба таври муфассал овардааст.

Диссертатсияи Муминова Сафарбегим дар асоси меъёрҳои нави илмӣ таҳия шудааст. Тарзу усули иқтибос, таҳлили бобу фаслҳо, натиҷагириҳо ва феҳристи адабиёт тибқи талаботи стандартҳои муосир ва таҳияи корҳои илмиву таҳқиқотӣ ба роҳ монда шудааст.

Лозим ба зикр аст, ки ҳадаф ва вазифаҳои диссертатсия ба воситаи се боби он амалӣ гардидааст.

Дар диссертатсияи Муминова Сафарбегим Баҳриевна дар мавзуи «Лексикаи лаҳҷаи тоҷикзабонони водии Вахон» паҳлуҳои гуногуни лексикаи лаҳҷаи тоҷикзабонони водии Вахон таҳқиқ шудаанд.

Дар баробари дастоварду комёбиҳои илмӣ дар ҳалли масъалаҳои таҳқиқи лексикаи лаҳҷаи тоҷикзабонони водии Вахон дар диссертатсия баъзе нуктаҳои баҳсталаб, норасоиву камбудиҳо роҳ ёфтаанд, ки зикри чанде аз онҳоро зарур мешуморем:

1. Натиҷагирии баъзе фаслҳо ба истиснои бархе аз калимаҳо дар як қолиб омада, айнан такрори якдигар мебошанд: саҳ. 38, 44, 64, 69, 71.

2. Муҳаққиқ дар баъзе мавридҳо аз суханони донишмандони дигар истифода намуда, вале ба сарчашма ишора накардааст (саҳ. 35, 68, 138). Инчунин, дар рисола зикри назари муҳаққиқони ҷудогона ба назар мерасанд, вале ҷо-ҷо назари худи муаллифи рисола камтар ба мушоҳида мерасад. Хуб мешуд, дар атрофи ин ё он масъала домани баҳсро густурдатар мегардид.

3. Дар феҳрасти адабиёт на ҳама номгӯйи адабиёти зарурии мавзуӣ ба назар мерасад. Бинобар он, адабиёти илмии соҳавии солҳои замони истиқлол нашргардидаро зикр кардан манзалати таҳқиқи мазкурро бештар мегардонид.

4. Дар истифодаи истилоҳоти илмии соҳавӣ дар диссертатсия гуногунрангӣ ба назар мерасад. Хуб мешуд, ҳангоми истифодаи истилоҳоти илмӣ бештар ба муодили тоҷикии он таваҷҷуҳ зоҳир мегардид, зеро қариб ҳамаи истилоҳоти илмии байналмилалии забоншиносӣ муодили тоҷикӣ доранд.

5. Дар диссертатсия баъзан такрори андеша мушоҳида мешавад.

6. Дар диссертатсия ғалатҳои имлоӣ, китобатӣ, техникӣ низ роҳ ёфтааст: саҳ. 7, 10, 13, 17, 19, 20, 21, 28, 31, 35, 36, 38, 40, 43, 45, 46, 51, 54, 59, 61, 63, 65, 74, 78, 79, 81, 102, 104, 108, 115, 119, 126.

Дар маҷмуъ, эродҳои зикршуда ислоҳшаванда буда, моҳияти илмӣ ва дастовардҳои унвонҷӯро коста намесозанд. Ҳангоми таҳия ва нашри монография ба инобат гирифтани онҳо ба арзиш ва аҳаммияти илмиву амалии диссертатсияи Муминова Сафарбегим Бахриевна ҳусни тозаи илмӣ мебахшад.

Мазмуну мундариҷаи диссертатсия ба фишурдаи он, ки ба ду забон – тоҷикӣ ва русӣ, таълиф гардидааст, мувофиқат мекунад ва муҳтавои онро мақолаҳои муҳаққиқ, ки дар маҷмуъ 10 ададро ташкил медиҳанд, пурра инъикос мекунанд.

Автореферат ва мақолаҳое, ки довталаби дараҷаи илмӣ дар бораи мавзуи таҳқиқшаванда нашр намудааст, муҳтавои асосии диссертатсияро фаро гирифтаанд. Мавзуи интихобнамудаи унвонҷӯ ба доираи мавзуъ ва масъалаҳои таҳқиқии шиносномаи ихтисоси илмии 10.02.01. – Забони тоҷикӣ мувофиқат менамояд.

Коркарди амалии натиҷаҳои таҳқиқ ва нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия ба меъёр ва талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон посухгӯ мебошанд.

Диссертатсияи номзадии Муминова Сафарбегим Баҳриевна дар мавзуи «Лексикаи лаҳҷаи тоҷикзабонони водии Вахон» ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01. – Забони тоҷикӣ сазовор мебошад.

Тақризи муассисаи пешбар дар ҷаласаи кафедраи таърихи забон ва типологияи факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон рӯзи 13-уми сентябри соли 2023, суратҷаласаи №2 муҳокима ва тасдиқ гардид.

Дар ҷаласаи кафедра иштирок доштанд: 13 нафар.

Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» – 13 нафар, «зид» – 0, «бетараф» – 0.

**Раиси ҷаласа:**
мудири кафедраи таърихи забон
ва типологияи Донишгоҳи миллии
Тоҷикистон, номзади илми филология,
дотсент Камолзода Х.М.

**Ташхисгар:**
профессори кафедраи таърихи забон
ва типологияи Дон миллии
Тоҷикистон, доктори илми филология Ҳомидов Д.Р.

Имзоҳои дотсент Х. Камолзода ва
профессор Д.Ҳомидовро тасдиқ мекунам.

Сардори раёсати кадрҳо ва
корҳои махсуси ДМТ Тавқиев Э.Ш.

734025 ш. Душанбе х. Рудаки 17.
Тел.: (+992 -37) 221 -77-11

Санаи дода шудани тақриз: 13.09.2023